geres

# Истеҳсоли тухм дар фермаи паррандапарварии офтобии Тоҷикистон

## Маслиҳат ба фермерҳо











## Истеҳсоли тухм дар фермаи паррандапарварии офтобии  Тоҷикистон
Маслиҳат ба фермерҳо

Кристин Ориол

Нашрияи мазкур мувофиқи навиштаҷоти Кристофер Вилтард, ки аз ҷониби ОҶОНСИИ ДАСТГИРИИ РАВИШҲОИ ИНКИШОФИ НАВ дар Ҳимолойи Ҳиндустон дар соли 2009 амалӣ гаштааст, чоп мешавад.

Тарроҳ
Фарида Юнусова

Табъи нашрияи мазкур тавассути маблағгузории Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати Умури Хориҷии Нидерландия аз тариқи Созмони Занони Аврупо бахри Ояндаи Муштарак имконпазир гардидааст. Нуқтаи назарҳои дар ин нашрия ба табъ расида ба таври ҳатмӣ ифодагари ақидаи Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати Умури Хориҷии Нидерландия ва Созмони Занони Аврупо бахри Ояндаи Муштарак намебошанд.

Ministry of Foreign Affairs of the Netherlands

# Истеҳсоли тухм дар фермаи паррандапарварии офтобии Тоҷикистон

## Маслиҳат ба фермерҳо

geres

2013





# ПЕШГУФТОР

Дар соли 2011, созмонҳои ОДРИ Нав ва GERES як лоиҳаеро дар самти расонидани кӯмак ба фермерҳои хурд дар баланд бардоштани даромадҳои худ аз ҳисоби кишоварзӣ дар вилояти Суғд шурӯъ намуда буд. Минтақаҳои мавриди ҳадаф ин ҷамоатҳои Фондарё (ноҳияи Айнӣ) ва Ошобаи (ноҳияиАшт) буданд. Лоиҳаи мазкур дар соли 2013 ба охир расида, ба 70 нафар фермерҳо дар беҳтар намудани истеҳсоли маҳсулоти паррандапарварии онҳо кӯмаки худро расонид.



Китобча-брошюраи мазкур дастурамалеро дар хусуси роҳҳои истифодаи беҳтари фермаҳои паррандапарварии офтобӣ, роҳҳои беҳтар намудани ғизодиҳӣ ва беҳдошту гигиенаи мурғҳо ва чигунагии тартиб додани нақшаи тиҷоратии соҳаи паррандапарварӣ пешниҳод менамояд. Ҳадафи аслӣ ин ба фермерҳо нишон додани васила ва механизмҳои пойдор ва мустаҳкам намудани тиҷорат ва бизнеси онҳо мебошад.

Маслиҳату тавсияҳои дар ин китобча пешниҳод гардида дар асоси усулу принсипҳои кишоварзии устувор асос ёфтаанд. Мақсади кишоварзии устувор ин таъмин намудани маҳсулоти ғизоии хуб ва босифат барои одамон бо истифодаи кафолатноку дарозмуддати манбаъҳои табиӣ (хок, об ва ҳаво) мебошад.



МУНДАРИЧА


| | | |
|---|---|---|
| Варақаи 1 | Шурӯи тиҷорат-бизнеси шумо дар соҳаи паррандапарварӣ: қабули қарорҳои аввалин | 6 |
| Варақаи 2 | Истифодаи бино барои таъмини муҳити мусоид барои мурғҳо | 8 |
| Варақаи 3 | Дараҷаи ҳарорат ва равшанӣ барои мурғҳо | 9 |
| Варақаи 4 | Таҷҳизот барои фермаи паррандапарварии офтобӣ | 10 |
| Варақаи 5 | Таҷҳизоти хӯрокдиҳӣ | 11 |
| Варақаи 6 | Нигаҳдорӣ | 12 |
| Варақаи 7 | Реҷаи хӯроки чӯҷаҳо | 13 |
| Варақаи 8 | Таҳияи нақшаи кори тиҷорат-бизнеси шумо | 14 |
| Варақаи 9 | Идоракунии ҳайвоноти хонагӣ ва пешгирии бемориҳо | 16 |



# Варақаи 1

## ШУРӮИ ТИҶОРАТ-БИЗНЕСИ ШУМО ДАР СОҲАИ ПАРРАНДАПАРВАРӢ: ҚАБУЛИ ҚАРОРҲОИ АВВАЛИН

### 1. Лоиҳаи тиҷорат-бизнес: мурғҳо барои гӯшт ва ё мурғҳо барои тухм?

Мурғҳои барои гӯшт пешбинӣ гардида навъҳои махсусе мебошанд, ки дар муқоиса бо дигар намудҳо хеле калонтар буда, тезтар бузург мешаванд.

Онҳоро ба хотири ҳадафҳои иқтисодӣ метавон баъди 10 ҳафта ба дасти қассоб супурд, аммо сифати гӯшти онҳо ба маротиб дар мӯҳлатҳои баъдтар ба даст меояд (аз 4 то 5 моҳагӣ).

Мурғҳо худ як давраи табииро аз сар мегузаронанд: онҳо қариб ҳар рӯз дар давраи муайян (аз 10 то 20 рӯз) тухм мегузоранд ва сипас онҳо барои чӯҷабарорӣ аз тухмдиҳӣ боз меистанд.

Намудҳои такмилёфтае аз роҳи интихоб ба даст омадааст, ки дар он мӯҳлати чӯҷабарорӣ камтар ва мӯҳлати тухмгузорӣ зиёдтар карда шудааст. Дар давоми зимистон истеҳсоли тухм хеле пасттар аст нисбат ба тобистон. Мокиёнҳо ба тухмгузорӣ дар сини аз 4 то 5 моҳагӣ шурӯъ менамоянд. Истеҳсоли ҳадди аксар дар синни 1 солагӣ мебошад. Баъд аз он марҳила он нишондод ба тадриҷ камтар мегардад. Дар сини 5 солагӣ он хеле паст мегардад. Мурғҳои беҳтарин дар як сол то 200 адад тухм мегузоранд.
Хурӯсҳо барои истеҳсоли тухм ҳатмӣ намебошанд. Барои ба даст овардани тухмҳои боровар барои чӯҷаҳои нав таносуб бояд 1 хурӯс барои 10 мокиён.

Баъзе аз навъҳои мурғони дигар бошанд, барои мақсадҳои истҳсолии омехта пешбинӣ карда шудаанд (тухм ва гӯшт), вале маҳсулнокии онҳо аз рӯи ҳар ду нишондод пасттар аст. Масалан навъҳои маҳаллӣ хеле каммаҳсултаранд, вале хеле бақуваттар, нигоҳубини онҳо осонтар ва ба шароити маҳаллӣ бештар мутобиқ мебошанд.
Ба талабот ва нархи маҳсулоти парранда дар бозорҳои наздики худ назар намоед: фурӯхтани чӣ осонтар аст: тухм ва ё гӯшти мурғ? Кадоми онҳо бештар фоидаовартар аст?

### 2. Харидории чӯҷаҳо

*а/ Интихоби навъ*

Шумо метавонед аз таъмингар чунин сифатҳоро пурсон шавед:
- Ранги тухмҳо (сафед, сурхи баланд),
- Ранги чӯҷа,
- вазни чӯҷаи калонсол ва эҳтиёҷот ба хӯрок,
- синни онҳо ба ҳангоми харид.

Шумо дар хусуси навъҳои дастраси чӯҷаҳо дар минтақаи худ барои харид бояд маълумот дошта бошед. Дар вилояти Суғд чунин навъҳо мавҷуд мебошанд:



ЛОМАН СИНДИ



ЛОМАН ЛСЛ КАЛССИК



ЛОМАН МАЛЛАРАНГИ БАЛАНД



Барои мисол барои навъи Ломан, чунин меъёрҳо интизор дошта мешаванд:

| Навъ | Ломан Синди | Ломан ЛСЛ Калссик | Ломан малларанги баланд |
|---|---|---|---|
| Вазн дар 20 ҳафта | 1460г | 1386г | 1640г |
| Эҳтиёҷоти якрӯза ба хӯрок барои 20 ҳафта | 88г | 89г | 93г |

Сипас Шумо метавонед интихоб намоед, ки кадоме аз онҳоро интихоб намоед: мурғи калон, хурдтар ва ё бо эҳтиёҷоти бештар ба хӯрок ...

*b/ Дарёфт намудани таъминкунанда*

- Таъминкунандаеро ёбед, ки боваринок бошад ва ба шумо мокиён пешниҳод намояд ва на хурӯс.

- Муайян намоед, ки шумо чӯҷаҳои кадом синро харидорӣ карданӣ ҳастед. Агар онҳо хеле хурд бошанд, онҳо нигоҳубини махсусеро талаб менамоянд. Осонтар он аст, ки чӯҷаҳои аллакай калонро харидорӣ намоед, чун онҳо тезтар тухм мегузоранд.

- Барои интиқол додани чӯҷаҳои худ ба ферма як миқдори муайяни маблағро ба нақша Барои дар Точикистон харидорӣ кардани чуҷаҳои зоти ғайри ҷойдорӣ, шумо метавонед ба фермаҳои калони мурғпарварӣ муроҷиат кунед, то онҳо ба шумо чуҷаҳоро дастрас кунанд.

Барои дар Точикистон харидорӣ кардани чуҷаҳои зоти ғайри ҷойдорӣ, шумо метавонед ба фермаҳои калони мурғпарварӣ муроҷиат кунед, то онҳо ба шумо чуҷаҳоро дастрас кунанд.

| Шаҳр | Номи фермаи мурғпарварӣ | Шахси масъул | Шумораи телефон | Зоти мурғ |
|---|---|---|---|---|
| Истаравшан | фермаи мурғпарварии Симурғ | Шеролиев Нуралӣ | 92 709 43 53 | Ломан малларанги баланд<br><br>Ломан ЛСЛ Калссик |
| Ваҳдат | фермаи мурғпарварии Наврӯз | Равшанов Исмоил | 917041677 | - |

*c/ Харидории чӯҷаҳо*

- муайян намоед, ки кадом вақт беҳҳтар аст барои хариди чӯҷаҳо: дар фасли тобистон шояд аз ҳад зиёд гарм бошад ва дар зимистон бошад, интиқол додани онҳо шояд мушкилтар бошад.
- Ба ҳисоб гиред, ки барои харид ва интиқол додани онҳо ба шумо чӣ қадар маблағи пулӣ лозим мешавад.
- Ба нақша гиред, ки барои шумо барои харидани навбатии чӯҷаҳо чӣ қадар вақт лозим мешавад.
- шумораи муайяни чӯҷаҳои харидоришавандаро ба нақша гиред,
- Пули нақди мавҷудаи худро ба ҳисоб гиред: агар пули нақди кофӣ надошта бошед, оё имкони қарз гирифтанро доред ё на (бонк, хешу табор, ҳамсояҳо)?



# Варақаи 2 ИСТИФОДАИ БИНО БАРОИ ТАЪМИНИ МУҲИТИ МУСОИД БАРОИ МУРҒҲО

Фермаи мурғпарварӣ  барои таъмини шароити мусоиди истеҳсолӣ дар давраи зимистон тарҳрезӣ карда мешавад.

Девору бомҳо бояд тарзе тарҳрезӣ карда шуда бошанд, ки ҳарорати гармии дохилиро нигоҳ дошта тавонанд ва дар қисми ҷанубии он бояд як гармхона ҷой дошта бошад.  Фарши он бояд барои осон гардидани шустани он бояд аз семент бошад.

Дар давоми рӯзҳои офтобӣ ҳавои гармхонаи ҳамсоя бояд бо нури офтоб гарм карда шавад. Фермер бояд дару тирезаҳои дохилии гармхонаро кушояд, то ҳавои гарм шабона вориди бинои паррандагон гардад. Баъди гарм шудани бино фермер бояд дару тирезаҳоро пӯшад, то шабона ҳавои гарм дар он нигоҳ дошта шавад.



Фермаи мурғпарварӣ бояд дар давоми рӯз ҳаво дода шавад, то аз гармшавии аз ҳад зиёд ва ҷамъшавии барзиёди газҳое, ки аз мурғон хориҷ мешавад, пешгирӣ карда шавад.

Барои самаранокии ҳаводиҳӣ тирезаҳои ду тарафи муқобил бояд кушода бошанд.





# Варақаи 3 ДАРАҶАИ ҲАРОРАТ ВА РАВШАНӢ БАРОИ МУРҒҲО

### Дараҷаи ҳарорат

Вақте ки дараҷаи ҳарорат аз ҳад зиёд сард бошад, зери 15°C, мурғҳо маҷбур мешаванд, ки нерӯи зиёдеро барои нигоҳ доштани гармии бадани худ сарф намоянд ва дар ин мавридҳо тухмгузории онҳо кам гардида ва ҳатто қатъ ҳам мегардад.

Фермаи паррандапарварии офтобии ба таври бояду шояд нигаҳдорӣ шаванда (тоза, ба ҳангоми шикастани қисме аз нав тармим шуда) бояд шароити мусоидро барои чӯҷаҳои бузург фароҳам орад.

Вакте ки дараҷаи ҳарорат аз 20°C боло бошад, дохили бинои паррандаҳо бояд бо вентилятор шамол дода шуда ва дарҳояш кушода бошанд.

Дар ҳолати дараҷаҳои баланди ҳарорат доимо бояд об таъмин бошад. Чун чӯҷаҳо арақ намекунанд, барои сард намудани худ онҳо ба нӯшидани об эҳтиёҷ доранд.

Роҳи аз ҳама беҳтарини ёфтани ҷои аз ҳама мувофиқтар ва бароҳаттар барои онҳо ин иҷозат додани онҳо барои озодона дар ҷои дилхоҳашон истодан мебошад: дар берун дар дохили майдончаи атрофаш деворбандӣ шуда, дар дохили гармхона ва ё берун аз бино.

### Равшанӣ

Тартибу низоми равшанидиҳӣ низ хеле муҳим аст. Ҳазми хӯрок бо равшанӣ вобастагӣ дорад: паррандаҳо замоне ки равшанӣ бошад, бештар хӯрок мехӯранд. Дараҷаи равшанӣ инчунин ба истеҳсоли тухм низ таъсир дорад: истеҳсоли тухм зиёд мешавад, агар қисми равшании рӯз дарозтар бошад (баҳорон).

- Агар имкон бошад, хӯрокро дар берун ва ё дар гармхонаи паҳлӯии бино ба паррандагон диҳед.
- Ба зичии ҷойгиршавии мурғҳо низ аҳамият диҳед: 2 парранда дар ҳар як метрии мураббаъ ин ҳадди аксар аст, агар шумо хоҳед, ки тухм истеҳсол намоед.



# Варақаи 4 ТАҶҲИЗОТ БАРОИ ФЕРМАИ ПАРРАНДАПАРВАРИИ ОФТОБӢ

Чӯҷаҳо одат доранд, ки шабро дар болои шохаҳо нишаста гузаронанд.

Рафҳо бояд дар баландии 1 метр аз сатҳи фарш қарор дошта бошанд.

Барои ҳар як парранда 30 см ҳисоб намоед. Масофаи байни онҳо бояд аз 30 то 40 см бошад.

Рафчаи беҳтарин бояд 4 см бошад, дар боло кунҷчаҳои ҳамвор бояд дошта бошанд.



1 қуттии тухмгузорӣ барои 5 мурғ
- Қуттиҳои тухмгузорӣ бояд дар баландии 60 см аз сатҳи фарш қарор дошта бошанд.
- Дар таги онхо бояд маводи мулоим ба мисли коҳ, аррамайда ва ё қум гузошта шавад.
- Қуттиҳо бояд шакли мукаабро дошта бошанд (40 x 40 x 40 см), аз қисми поён ҷои кушодаи 10 см (25 x 30 см)
- Онҳо бояд тоза ва дизинфексия карда шуда бошанд.

Онҳоро метавон шабона маҳкам намуд, то мурғҳо дар он ҷо хоб нараванд ва он ҷоро ифлос нанамоянд (ин тозагиро дар дохил таъмин менамояд).





# Варақаи 5 ТАҶҲИЗОТИ ХӮРОКДИҲӢ

*Таъмини об*

Нарасидани об ба марги босуръати паррандагон сабаб мегардад.

Шумораи мургҳо чӣ қадаре ки набошанд, дар давоми рӯз бояд барои онҳо миқдори зарурии об таъмин бошад.  Шумораи нуқтаҳои обдиҳиро бо шумораи мурғҳо муносиб намоед.




- Оби пок ва нӯшиданиро барои онҳо таъмин намоед,
- Ҳар рӯз табақчаҳои обдиҳиро бо маводи шустушӯии махсус дизинфексия ва пок намоед,
- Метавон сатилҳои пластикии дорои сӯрохиҳо дар канорҳояшро истифода бурд,
- Як сатили 3 литриро барои 20 адад мурғ ба ҳисоб гиред.

*Таъмини хӯрок*

Асбобҳои хӯрокдиҳӣ бояд ба исрофи хӯрок роҳ надода доимо бояд поку тоза бошанд. Аз ҳамин саба онҳо бояд дар ҷое, ки пои мурғҳо намерасад, насб карда шуда бошанд.



Барои 20 адад мурғҳо як асбоби хӯрокдиҳии дарозиаш 1 м, баландиаш 10 см дюйм ва паҳниаш 3 см ҷудо намоед.

- Як системае бояд дар назар гирифта шавад, ки мурғҳо натавонанд ба болои асбоби хӯрокдиҳӣ бароянд (масалан, гузоштани як лӯлаи чархзананда бар болои он).

- Хӯрок ва об бояд ҳамарӯза дар вақту соати муайян дода шавад.

# Варақаи 6 НИГАҲДОРӢ

Яке аз сабабҳои мухими муваффақият ин нигаҳдории дурусти фермаи парандапарварӣ мебошад.

Камаш ҳар моҳ як маротиба бояд фарш иваз карда шавад. Фарш бояд аз қабати аз 5 то 10 см аррамайда ва ё коҳ иборат бошад. Он бояд ҳамеша хушк ва тоза нигоҳ дошта шавад. Фарш имкон медиҳад, ки саргини мурғҳо ҷабида шавад ва онҳо доимо дар хушкӣ ва тозагӣ бошанд ва инчунин покизагии дигар асбобҳо (тағорачаҳои обу хӯрокдиҳӣ ва қуттичаҳо) низ таъмин шавад. Агар ҳар моҳ фарш иваз карда шавад, ин имкон медиҳад, ки бино ба таври мунтазам дизинфексия ва пок карда шавад.

Тухмҳоро бояд ду маротиба дар як рӯз ҷамъоварӣ намуд: дар соати 12-рӯз ва 16-и баъд аз зуҳр. Давраи тухмгузорӣ асосан аз соати 10-и пагоҳӣ то соати 14-и нисфирӯзӣ мебошад. Ин шикастани тухмҳоро кам менамояд.



ПАРРАНДАҲОИ ДАР ШАРОИТИ ХУБ ҚАРОР ДОШТА



ПАРРАНДАҲОИ ДАР ШАРОИТИ БАД ҚАРОР ДОШТА

Назорати ҳамарӯза як қисми нигоҳубин ҳисоб мешавад. Рафтор ва шакли зоҳирии паррандагон дар худ маълумоти зиёдеро дар хусуси вазъи саломатии онҳо, муҳити муносиби онҳо ва ғайра ҷой медиҳанд: хастагӣ, холати хуҷумӣ дар рафтор, талаф додани пару бол, тухмҳои шикаста ...

Фермер ҳамчунон бояд вуҷуди бемориҳоро аз саргини онҳо, аз рӯи ранги онҳо ва мавҷуд будани хун дар онҳо ва исҳол муайян намояд.
Тавоноии мушоҳида ва шарҳ дода тавонистани онҳо як қисми маҳорату малакаи фермерҳо мебошад, ки он бо таҷрибаи зиёд ба даст меояд.

- Ҳар рӯз табақчаҳои обдиҳӣ ва хӯрокдиҳӣ бояд бо маводи шустушӯ поку тамиз карда шаванд.
- Камаш дар як моҳ бояд фарш ва асбобу анҷоми мавҷуда дизинфексия карда шавад.
- Паррандаҳои худро ҳамарӯза аз муоина гузаронед.
- Тухмҳоро ҳар рӯз ду маротибагӣ ҷамъоварӣ намоед.



# Варақаи 7 РЕҶАИ ХӮРОКИ ЧӮҶАҲО

Чӯҷаҳо ҳайвонҳои ҳамахӯр мебошанд. Хӯроки онҳо бояд аз таркибҳои мухталиф баробар карда шуда бошанд.

Барои таъмини хӯроки баробарвазн ва зарурӣ фермер бояд ё таркиби хӯрокии тайёрро ба мисли комбикорм харидорӣ намояд ва ё худ аз намудҳои хӯрокҳои маҳаллӣ таркибҳои хӯрокии заруриро таҳия намояд.

Фермер бояд боварӣ ҳосил намояд, ки паррандаҳо миқдори зарурии маводи глусид, липидҳо, сафедаҳо, минералҳо ва витаминҳоро дарёфт менамоянд:

• Ғаллагиҳо (гандум, ҷуворимакка, ҷав, ҷавдор) барои сафедаҳо бошад қсми асосӣ (тақриан 60%) бояд ҷудо карда шавад.
• Донаҳои лубиёӣ ва соя бояд илова карда шаванд, то сатҳи таъмини сафедаҳоро баланд бардоранд. Вале онҳо набояд аз 20% зиёд бошанд, чунки аксари онҳо дар таркиби худ маводи заҳрогин низ доранд.
• Манбаъҳои пасти протеин (аз 5 то 10%) ҳамеша зарур аст (гӯшт, моҳӣ, хун, маҳсулоти ширӣ).
• Сабзавот ва тухмиҳои сабзида (ғаллагиҳо ва наск) дар худ бисёре аз витаминҳоро доро мебошанд.
• Иловаҳои минералӣ низ хеле зарур мебошанд, махсусан калтсий барои тухмгузории мурғҳо: устухон (сӯхта ва ё соидашуда), пустлохи тухм ва ғайра.
Хӯрокҳои маҳаллӣ метавонанд аз чунин таркибҳо иборат бошанд:

| Намуди хӯрок | % омехтаи умумӣ |
|---|---|
| Чувории кӯфташуда | 29 |
| Гандуми кӯфташуда | 25 |
| Омехтаи соя | 10 |
| Сабуси гандум | 10 |
| Лубиё ва мош | 5 |
| Сабзӣ | 6 |
| Бӯр | 3 |
| Орди устухон | 1 |
| Хуни гов | 5 |
| Алафи тоза (юнучқа-беда) | 6 |

Барои осон намудани ҳазмкунӣ бояд таркибҳои зикргардида кӯфта, соида ва орд карда ба мурғҳо дода шаванд.

Якчанд тавсияҳо:

• Таркиби хӯрокҳоро ба таври ногаҳонӣ ва тез-тез иваз нанамоед,
• Барои паррандаҳои калон меъёри якрӯзаи хӯрок тақрибан 120 грамро ташкил медиҳад, вале он вобаста ба шароит ва иштиҳои парранда бояд ба танзим дароварда шавад.
• Каме шағал (1 ё 2 мм) барои осон намудани ҳазмкунии хӯрок таъмин намоед.



# Варақаи 8 ТАҲИЯИ НАҚШАИ КОРИ ТИҶОРАТ-БИЗНЕСИ ШУМО

*1/ Хӯрокдиҳии мурғҳо: ҳисобу китобҳои худро гузаронед*

**a. Таркиби хӯрокӣ: нарх ва фарқи байни хӯрокҳои тайёр ва хӯрокҳои омехтаи дар хона тайёр шавандаро ҳисоб намоед**

1/ Нархи комбикорм = Сомонӣ/ кг Макони харид:
Нархи нақлиёт =
2/ Омехтаи хӯрокии худсохт бо иловаи маводи бозор:
Аз рӯи чадвали дар саҳифаи 6 омада нархи омехтаи хурокро ҳисоб карда бароред:

**b. Нархи хӯрок барои як сол ва барои тамоми паррандагон:**

| Шумораи мурғҳо: | | |
|---|---|---|
| Меъёри якрӯзаи хӯрок барои як мурғ | 0,12 | Кг/рӯз |
| Кг барои тамоми мурғҳо дар як рӯз | = Шумораи мурғҳо x 0,12= | Кг/рӯз |
| Нархи умумии хӯрок | =кг, як рӯз барои тамоми мурғҳо x нархи як кг омехтаи хонагӣ x 360= | Сомонӣ/сол |

*2/ Арзёбии нархи таҷҳизот барои фермаи мурғпарварӣ:*

| | | |
|---|---|---|
| Нархи бино ва ё хариди рафҳо, қуттиҳо, аррамайда, асбоби тақсимкунии об ва хӯрок) | | Сомонӣ/сол |

*3/ Арзёбии нархи идоракунии фермаи мурғпарварӣ*

Бояд ба он диққат дод, ки хидматрасониҳои босифати ветеринарӣ барои идоракунии муносиби фермаи шумо хеле муҳим мебошад.

| | | |
|---|---|---|
| Нархи хадамоти тиббӣ/сол (ваксинаҳо, ветеринарӣ-байторӣ) | | Сомонӣ/сол |
| Иловаҳои витаминӣ ва минералӣ (/сол) | | Сомонӣ/сол |
| Маоши ёрдамчиҳо, агар лозим шавад | | Сомонӣ/сол |
| Об | | Сомонӣ/сол |
| Барқ барои равшании дохилӣ | | Сомонӣ/сол |
| Нигаҳдории бино | | Сомонӣ/сол |
| НАРХИ УМУМӢ | | Сомонӣ/сол |

*4/ Дарёфти пул аз парвариши парранда*

**a.Талафоти мурғҳоро дар назар гиред**

| | | |
|---|---|---|
| Маргу мур | | адад/моҳ |
| Мурғи зинда/мокиёнҳои баъди як сол монда | | шумора |

### b. Даромад аз гӯшт

| | | |
|---|---|---|
| Куштори мурғҳо барои гӯшт дар ҳар сол | | шумора |
| Нархи гӯшт | | Сомонӣ/ кг |
| Кг-и гӯшт/мурғ | | кг |
| Даромад аз фурӯши гӯшт | | Сомонӣ/сол |

### c. Даромад аз тухм

| | | |
|---|---|---|
| Шумораи умумии мокиёнҳо | | шумора |
| Шумораи миёнаи тухм дар моҳ | | Шумора/моҳ |
| Нархи фурӯши як дона тухм | | Сомонӣ |
| Даромади моҳона аз фурӯши тухм | | Сомони/моҳ |
| Даромади солона аз фурӯши тухм | | Сомонӣ/сол |

### d. Дар кадом макон махсулоти худро барои фурӯш ба нақша гирифтаед?

| | | |
|---|---|---|
| Дар куҷо шумо метавонед гӯшт ва ё тухми худро фурӯшед? | | - |
| Нархи нақлиёт барои фурӯш | | Сомони/моҳ |
| Нархи умумии фурӯши бозорӣ | | Сомонӣ/сол |

*5/ Манфиати худро ҳисоб намоед*

НАРХҲО

| | | |
|---|---|---|
| Хариди чӯҷа | | Сомонӣ/сол |
| Хариди хӯрок | | Сомонӣ/сол |
| Таъсис додани фермаи мурғпарварӣ | | Сомонӣ/сол |
| Идорасозии фермаи мурғпарварӣ (нархи умумӣ) | | Сомонӣ/сол |
| Сохтмони ферма (нарх/аз рӯи соли истифода) | | Сомонӣ/сол |
| Фурӯши бозории маҳсулоти шумо | | Сомонӣ/сол |
| Хароҷоти умумӣ | | Сомонӣ/сол |

ДАРОМАД

| | | |
|---|---|---|
| Даромад аз фурӯши гӯшт ва тухм дар як сол | | Сомонӣ/сол |
| **ДАРОМАД-ХАРОҶОТ** | | **Сомонӣ/сол** |

### Хулоса

Оё тиҷорат-бизнеси Шумо фоидаовар аст?
Чӣ тавр Шумо метавонед фоидаро афзоиш диҳед?



# Варақаи 9 ИДОРАКУНИИ ҲАЙВОНОТИ ХОНАГӢ ВА ПЕШГИРИИ БЕМОРИҲО

**Аз омехта намудани паррандаҳое, ки якҷоя бузург нашудаанд пешгирӣ намоед:**

Якҷоя намудани паррандаҳои нав бо дигар паррандаҳо дар як бино хеле мушкил аст, чунки онҳо дар якҷо ба ҷангу херхаша шурӯъ менамоянд.

Чунин рафтор тавсия дода намешавад, чунки дар худ хатари паҳн гардидани бемориҳоро дорад. Лекин чунин рафтор намудан агар зарур бошад, он танҳо баъди гузаштани мӯҳлати карантини санҷишӣ иҷозат дода мешавад. Вақти аз ҳама беҳтари интиқол додани паррандаҳо ба як ҷо ин шабона мебошад, замоне ки онҳо хобанд ва хеле ҳам ором мебошанд. Агар ягон хурӯсеро ба ҷое, ки аллакай дар он ҷо хурӯси дигаре ҳаст биёред, ҳатман онҳо то дами марг бо ҳам хоҳанд ҷангид.

**Риояи қатъии қоидаҳои гигиенӣ**

Дар талафёбии паррандагон нақши бемориҳои сирояткунанда хеле бузург аст. Бисёре аз хатарҳоро метавон аз тариқи риояи қоидаҳои гигиенӣ пешгирӣ намуд. Ба ин чораҳо дизинфексия, ивазкунии асбобу анҷом ва об ба таври мунтазам дохил мегардад.

Дигар намуди ҳайвонҳо набояд ба ҷои зист ва хӯроки паррандагон роҳ ёбанд, ба мисли калламушҳо, мушҳо ва дигар паррандагон, чун онҳо метавонанд барангезандагони бемориҳои мухталиф бошанд ва мурғҳоро бо онҳо гирифтор намоянд.

Аз ин рӯ зарур аст, ки тамоми сӯрохиҳо, аз ҷумла ҷои вентиляторҳо бояд бо порчаҳои туршакл пӯшонида ва маҳкам карда шаванд.
Дигар боздидкунандагон ҳамчунон метавонанд инфексияҳоро дар зери пойафзоли худ аз дигар фермаҳои сироятдиҳанда ба фермаи шумо интиқол диҳанд.

**Сироят ва заҳрлудшавиро аз берун аз ҳудуди фермаи худ ба дохил роҳ надиҳед:**

Пеш аз овардани дигар паррандаҳои нав ба ҷойҳои холии фермаи худ тамоми ҷойҳоро ба пуррагӣ аз микробу дигар бемориҳо тоза намоед:

- Ҳама ҷоро бо маводи шустшӯии махсус шуста тоза намоед.
- Дизинфесияро бо маводи махсус ба мисли хлор ва дигар мавод иҷро намоед.
- Ба ҳама ҷо доруҳои зидди ҳашаротро пош диҳед.
- Бинои фермаро ҳадди ақал барои 15 холӣ нигоҳ доред.

**Эмкунӣ - ваксинатсия**

Тибқи тавсияи ветеринар бештари ваксинатсия-эмкуниҳоро бо паррандаҳо гузаронидан лозим аст. Кӯшиш намоед, ки паррандаҳоеро харидорӣ намоед, ки аллакай аз эмкунӣ-ваксинатсия гузаштаанд.



### Пешгирии тиббӣ

Иловаҳои хӯрокӣ барои пешгирии баъзе аз бемориҳо кӯмак мерасонанд, ки аз сабаби беқувватӣ ва хӯроки камғизо рух медиҳанд. Ин намуд иловаҳои хӯрокӣ бояд ба оби нӯшокӣ дар давоми 5 рӯз дар як моҳ илова карда шаванд.

Мисолҳо:
• Иловаҳои минералӣ
• Иловахои витаминӣ ва аминокслотаҳо

Дар ҳолати сар задани бемориҳо, диққати махсус бояд ба андешидани чораҳои пешгирикунандаи гигиенӣ дода шавад.
• Дар узлат-изолятсия қарор додани ҳайвон
• Бо духтури байторӣ машварат намуда, чораҳои пешгирикунандаро бояд риоя намуд.
• Ҳайвони мурдаро барои санҷиш бояд ба озмоишгоҳ-лаборатория супорид.
• Ҳайвони мурдаро сӯзонида ва ё онро дур аз фермаи паррандапарварӣ бояд ба замин гур намуд.



## ЭЗОҲ

GERES - ТОҶИКИСТОН
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳамза Ҳакимзода 79
Телефон: (+992) 37 880 65 64
E-mail: tajikistan@geres.eu
Web: www.geres.eu

ОҶОНСИИ ДАСТГИРИИ РАВИШҲОИ ИНКИШОФИ НАВ
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 20-34
Телефон: (+992 34) 224-53-20; 6-03-62
E-mail: office@agencynau.tj
Web: www.agencynau.tj